*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 014 назди*
*Донишгоҳти давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*
*бо суроғаи: ш.Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов, 64/14*

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Латипова Гуландом Сайҳомидовна дар мавзуи «Такмили механизми қарздиҳии соҳаи кишоварзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Дар шароити имрӯзаи муаммоҳои таъмини амнияти озуқаворӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои асосӣ ба ҳисоб рафта, ташаккули рушди механизмҳои қарздиҳӣ ва имкопазир дар соҳаи кишоварзӣ вазифаи асосии ҳар як давлат ба ҳисоб меравад. Таҷрибаи солҳои охир нишон дод, ки аҳамияти аввалиндараҷаи тамоми давлатҳо, аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин соҳа равона гардидааст. Аз ҳамин лиҳоз мавзуи интихобшуда ва таҳлилу баррасиҳо дар матни автореферат акутуалӣ ва саривақтӣ мебошанд. Қобили зикр аст, ки имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дастгирии соҳа, низоми қарздиҳии субъектҳои кишоварзӣ ба хусусиятҳои хоси соҳа комилан дар сатҳи номувофиқ қарор дорад. Ғайр аз ин табиати мавсимии соҳаи кишоварзӣ, даври тӯлонии истеҳсолот, суръати сусти гардиши воситаҳо, номутобиқатии хароҷот барои истеҳсолот ва даромад аз фурӯши маҳсулот, инчунин, вобастагӣ аз омилҳои берунаро ба назар намегирад. Инчунин хусусиятҳои хос ба монанди мавсимӣ будан ва гардиши нобаробари захираҳои гардон норасоии воситаҳои гардони субъектҳои кишоварзиро ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, ин гуна субъектҳои кишоварзӣ аксаран ба захираҳои бузурги қарзӣ эҳтиёҷ доранд, ки онро метавонанд аз ҳисоби ташкилотҳои қарзӣ бароварда намоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои қарзӣ ҳангоми ҳамкорӣ бо субъектҳои кишоварзӣ бояд хусусият ва муносибати ҷудогонаи пардохти қарзи асосӣ ва баҳраи онро бо назардошти хусусияти даромад аз фурӯши маҳсулот ба назар гиранд. Аммо вазъи молиявии нисбатан ноустувори субъектҳои соҳаи кишоварзӣ дарёфти сарчашмаҳои зарурии қарзиро дар

вақти муносиб ва шартҳои мусоид душвор менамояд.

Айни муддао аст, ки дар ҳар як марҳилаи истеҳсолот ҳамаи захираҳои зарурӣ (молиявӣ, моддӣ, меҳнатӣ) бояд ба миқдори кофӣ дастрас бошанд. Бинобар ин такмили қарздиҳии соҳаи кишоварзӣ барои истеҳсолкунандагони субъектони соҳаи кишоварзӣ ниҳоят муҳим буда, ин гуфтаҳо дар автореферат қобили ҷонибдорӣ мебошад.

Илова бар ин дар баробари пешравӣ ва муваффақиятҳо дар автореферат баъзе камбудиҳои ҷузъӣ во мехуранд, ки қиммати илмии корро коста намегардонад ва аз ҳамин лиҳоз тамоми масъалаҳо ва таҳлилҳои дар автореферат буда лоиқи дастгирӣ мебошад. Ҳамчунин қайд кардан зарур аст, ки таҳлилҳои анҷомгардида мушаххасоти рисолаи илмиро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамояд.

Дар хулоса қайд намудан ба марид аст, ки ҳангоми таҳлил ва баррасии автореферати диссертатсияи Латипова Гуландом Сайҳомидовна дар мавзуи «Такмили механизми қарздиҳии соҳаи кишоварзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Латипова Гуландом Сайҳомидовна сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Д.и.и., профессори кафедраи назария
иқтисодӣ ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи
Славянии Россия ва Тоҷикистон Раҳматзода Ҳ.Б.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода 30,
Телефон: (+992) 37, 221-75-50
E-mail: https//www.rtsu.tj/ru

Дурустии имзои Раҳматзода Ҳ.Б.-ро тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи
Славянии Россия ва Тоҷикистон Раҳимов А.А.

ОТДЕЛ КАДРОВ